Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ КЕНГАШИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

22 октябри соли 2003. Чоршанбе № 81 (12924)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 19.00 имзо гардид.

## Дар вилоят аввалин



**АНДИҶОН.(Мухбири ЎзА Саид ШУКУРОВ).** Дар вилояти Андиҷон аввалин шуда кишоварзони ноҳияи Ҷалолқудуқ аз иҷрои шартномаи пахтасупорӣ дарак доданд. Онҳо ба хирмани умумӣ 19880 тонна «тиллои сафед» рехтанд. Аз ҳар гектар ба ҳисоби миёна 29,5 сентнер ҳосил бардошта шуд. Меҳнаткашони ноҳия бори аввал аст, ки ба чунин нишондиҳанда ноил мегарданд.

Ҳокими ноҳия М. Эгамов гуфт: — Имсол барои мо осон набуд. Боришҳои пай дар паи баҳорӣ моро ба такрор коштани пунбадона водор намуданд. Фидокории деҳқонон буд, ки ба марраи мурод расидем. Сипос ба онҳо.

Пахтакорони ноҳия ба суръат суръат афзуда, пешсафиро ба даст даровар-данд. Дар баъзе рӯзҳо пешрафти шабонарӯзӣ панҷ фоизро ташкил медод. Ноҳия имрӯз низ аз рӯи ин нишондиҳанда пешсафиро аз даст намедиҳад. Ширкати хоҷагии «Файрат» дар ноҳияи Ҷалолқудуқ аввалин хоҷагие буд, ки ба марраи мурод расид. Рӯзе, ки ноҳия ба рапорти ғалаба имзо мегузошт, дар ин ҷо ба ҳисоби 30 фоизи нақшаи солона пахта ҷамъоварӣ карда буданд. Хоҷагиҳои «Қатортол», «Пахтакор» ва «Ёрқишлоқ» низ саҳми муносиб гузоштанд.

## Маҷлиси Девони Вазирон

***17 октябр ҷамъомади Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба амал омад. Дар он роҳбарони вазоратҳо, кумитаҳо, ширкатҳо, иттиҳодияҳо, консерн ва ҷамъиятҳо, Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд иштирок намуданд.***

Масъалаҳои иҷрои вазифаҳое, ки аз суханрониҳои Президент Ислом Каримов дар ҷамъомадҳои Девони Вазирон 17 феврал ва 18 июли соли 2003, ҳамчунин ҷамъбасти нӯҳмоҳа оид ба татбиқи самтҳои бартариноки ислоҳот ва инкишофи иҷтимоиву иқтисодии кишвар бармеоянд, баррасӣ гардиданд.

Ҷамъомад таҳти сарварии Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ўткур Султонов гузашт.

Дар тамоми ҷабҳаҳои хоҷагии халқ таҳти сарварии Президент Ислом Каримов ислоҳот мустақимона татбиқ мегардад. Дар натиҷа дар нӯҳ моҳи гузаштаи соли равон эътидоли макроиқтисодӣ дар секторҳои молиявӣ ва иқтисодии кишвар таъмин гардид. Минбаъда амиқ гардонидани равандҳои хусусигардонӣ, дигаргуниҳои сохторӣ ва аз ҷиҳати молиявӣ беҳ гардонидани корхонаҳои камдаромад ва зараррасон, инкишофи муносибатҳои бозорӣ ва инфрасохтор дар сектори аграрӣ, тезонидани ислоҳот дар сохтмони илмӣ ба даст омаданд. Дар ин давра озодтабодулии сӯм аз рӯи муомилот ба амал бароварда шуд ва аз 15 октябри соли равон Ҷумҳурияти Ўзбекистон бинобар моддаи 8-уми моддаҳои Муоҳидаи байналхалқии Сандуқи асъор ӯҳдадор гардид, ки озодтабодулии сӯмро ба амал татбиқ намояд.

Поин рафтани сатҳи муфлисшавӣ то 0,3 фоиз бар муқобили 17,4 фоизи нӯҳ моҳи соли гузашта ба даст омад. Норасоии буҷа нисбати даромади умумии дохилӣ 0,1 фоизро ташкил дод. Салдои (бақияи) мусбии мувофиқатии савдои беруна аз 515 миллион доллари Амрико гузашт. Ин имконият дод, ки захираҳои тиллои асъори кишвари мо зиёд бошад. Аз ҳисоби баланд рафтани истеҳсолоти саноатӣ ва маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, муомилоти чаканаи мол, ҳаҷми хизматҳои пулакии даромади умумии аҳолӣ (ДУА) афзуд ва 104 фоизро ташкил дод.

Дар ин давра равандҳои амиқ гардонидани хусусигардонӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои идораи корпоративӣ идома ёфт. 1.029 корхона хусусигардонида шуд, маҷмӯи саҳмияҳои 496 корхона фурӯхта шуданд, анқариб 6,5 ҳазор иншооти давлатӣ ба фурӯш рафт. Танзим ва аз ҷиҳати молиявӣ беҳ сохтани ҳолати корхонаҳои камдаромад ва зараррасон идома ёфт. Ба шарофати ислоҳот дар хоҷагии қишлоқ истеҳсол ва ҳосилнокии ғалла хеле баланд гардид. Ислоҳоте, ки дар ҷабҳаи сохтмони умумӣ ба амал бароварда мешаванд, натиҷаҳои хуб мебахшанд. Дар натиҷаи дигаргуниҳои андешидашуда ширкати «Ўзбалиқ», Иттиҳодияи «Ўзпаррандасаноат», раёсатҳои минтақавии ширкати «Ўзнефтмаҳсулот», корхонаи «Бошкоммунгаз» ва корхонаҳои хурди «Ўзтехгаз» аз байн бардошта шуданд.

Барномаҳои қабулшудаи иҷтимоӣ мунтазам татбиқ мегарданд, аз ҷумла барномаи «Соли маҳаллаи обод». Баланд бардоштани ҳаҷми музди меҳнат, стипендия ва нафақаҳои иҷтимоӣ имконият дод, ки даромади пулӣ баланд бардошта шавад, сатҳи зиндагии аҳолӣ боз ҳам беҳтар гардад.

Мутаассифона, баробари як қатор муваффақиятҳои ба даст омада камбудиҳо ҳам ҷой доранд. Баъзе самтҳои бартариноки ислоҳоти иқтисодӣ ба дараҷаи бояду шояд истифода нагардида, вазифаҳои амиқ гардонидани онҳо аз мадди назар дур мондаанд. Системаи ӯҳдабароёна дар равандҳои хусусигардонӣ ва фурӯши корхонаҳои давлатии камдаромад ва зиёнрасон хеле суст ҷорӣ мегардад. Тадбирҳои маҷмӯӣ оид ба ислоҳоти муносибатҳои қарордодӣ дар хоҷагии қишлоқ мувофиқи матлаб нестанд, аз ин рӯ баҳри инкишофи хоҷагиҳои фермерӣ шароитҳои қаноатбахш ба миён оварда намешаванд. Дар сохтмони умумӣ ҳам ба норасоиҳо роҳ гузошта мешавад. Тадбирҳои оид ба фаровон гардонидани бозори истеъмолро низ мувофиқи талаб гуфта намешавад.

Дар ҷамъомад ҳамчунин масъалаи рафти тайёрии соҳаҳои иқтисодиёт ва ҳудудҳои ҷумҳурӣ ба кори мутамаркизонаи тирамоҳию зимистонӣ дар давраи солҳои 2003-2004 муҳокима шуданд. Зикр гардид, ки баъзе ҷабҳаҳо ва мақомоти ҳудудии идоракунӣ тадбирҳоро оид ба омода сохтани нуқтаҳои аҳолинишин, бунёдҳои истиқоматӣ, корхонаҳои хизмати коммуналӣ ва муассисаҳои ҷабҳаи иҷтимоӣ ба мавсими тирамоҳию зимистонии солҳои 2003-2004 сари вақт ва бо ҳаҷми пурра иҷро намекунанд. Иттиҳодияи саҳҳомии «Кӯмир» ҳаҷми зарурииро оид ба истеҳсоли ангишт ба даст наовард. Дар натиҷа ҳаҷми ба истеъмолгарони соҳаи буҷет расонда доданӣ он 62 фоизро ташкил дод, ин нишондиҳанда дар ширкати давлатии саҳҳомии «Ўзбекэнерго» 70 фоиз буд. Корҳо дар бобати таъмири умумии нақлҳои газ нисбати супориш 85 фоизро ташкил менамояд. Дар вилоятҳои Сирдарё, Ҷиззах, Бухоро ва Тошканд таъмири шабакаҳои гармирасонӣ ва бӯғхонаҳо ба охир нарасидаанд.

Дар ҷамъомад ба роҳбарони вазоратҳо, ширкатҳо, оҷонсиҳо, иттиҳодияҳо, ҳамчунин ба ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд супоришҳои зарурӣ дода шуданд. Қарор гардид, ки тайёриро ба мавсими тирамоҳию зимистонӣ то 1 ноябри соли равон ба охир расонанд.

Дар ҷамъомад ҷонишини аввали Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон К.Тӯлаганов, муовинони Нахуствазир Р.Азимов, М.Усмонов, вазири молия М.Нурмуродов, вазири таълими халқ Р.Ҷӯраев, раиси Кумитаи давлатӣ оид ба идораи моликияти давлатӣ ва дастгирии тадбиркорон М.Асқаров, раиси Ширкати давлатии саҳҳомии «Ўздонмаҳсулот» И.Наҷмиддинов, раиси Ширкати давлатии саҳҳомии «Ўзбекенгилсаноат» А.Баҳромов, директори генералии Оҷонсии «Ўзкоммунхизмат» У.Холмуҳаммедов, ҳокимони вилоятҳои Қашқадарё, Фарғона, Намангон— Н.Зайниев, А.Отабоев, Т.Ҷабборов ва дигарон бинобар масъалаҳои баррасишуда маълумот доданд.

Аз рӯи масъалаҳои муҳокимагардида қарори дахлдор қабул гардид.

Дар ҷамъомад Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон С.Раҳимов иштирок кард.

**(ЎзА).**



*Пахтакорон аз ҳар соату рӯзи мавсими ғунучини «тиллои сафед» босамар истифода мебаранд. Бояд гуфт, ки барои тезу босифат ҷамъ овардани ҳосили бо арақи ҷабин рӯёндашуда ба пахтазор ҳашарчиён низ сафарбар карда шуданд. Вале на ҳамаи ширкатҳои ҷамоавӣ ба ҳашарчиён ниёз доранд. Хоҷагии ширкати ба номи Собир Раҳимови ноҳияи Чиноз аз ҳамин ҷумла мебошад. Аъзоёни хоҷагии ширкат ба марраи мурод расида ба ҳисоби ӯҳдадорӣ пахта мечинанд. Дар пайкалҳои пахта ҳанӯз ҳосил бисёр. Шумо дар сурат (аз чап ба рост) сарикҷтисодчии хоҷагӣ* ***Амирбек Коуменов****ро бо як гурӯҳ чинакчиён мебинед.*

**Суратгир: Ҳусанбой АВВАЛОВ.**

## Ўзбекистон — Иттиҳоди Аврупо: ҳамкорӣ баҳри инкишоф

***Дар Брюссел ҷамъомади зеркумитаи «Ўзбекистон—Иттиҳоди Аврупо» оид ба иқтисодиёт, тиҷорат ва маблағгузорӣ баргузор гардид. Дар рафти ҷамъомад масъалаҳои дуҷонибаи тиҷорат байни Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо, инкишофи иқтисодии Иттиҳоди Аврупо дар Ўзбекистон, гузаронидани тадбирҳо оид ба рушди иқлими маблағгузорӣ, ҳамкорӣ бо пажӯҳишҳои байналхалқии молиявӣ, ҳамчунин ҳамкориҳои эҳтимолии ҷонибҳо дар раванди барқарорсозии Афғонистон низ баррасӣ шуданд.***

Ҷониби Аврупо қаноатмандии худро аз саъю кӯшишҳои Ўзбекистон дар бобати ислоҳоти иқтисодиёт, инкишофи ҳамаҷониба дар асоси талаботи иқтисоди бозаргонӣ, озодкунии савдои хориҷӣ, такмил додани иқлими маблағгузорӣ қайд намуд. Баробари ин зикр гардид, ки бомуваффақият ба амал ҷорӣ намудани тавсияҳои Иттиҳоди Аврупо дар рафти ҷамъомади ҳарсолаи ЕБРД дар Тошканд хеле муҳиманд.Ҷониби Аврупо боз як бор таъкид намуд, ки дар кори тезонидани ислоҳоти зарурӣ бо кишвари мо ҳамкории мунтазам хоҳад кард, дар ин бобат воситаҳои кӯмаки техникӣ дар чаҳорчӯбаи Муоҳида оид ба шарикӣ ва ҳамкорӣ истифода хоҳад шуд.

Ҷониби Аврупо мустаҳкам гардидани ҳамкории Ўзбекистонро бо созмонҳои байналхалқии молиявӣ, аз он ҷумла бо ЕБРД махсус зикр намуд.

Тадбирҳое,ки Ўзбекистон нисбати озодкунии савдои беруна,хусусигардонӣ ва диверсификатсияи иқтидори содироти ҷумҳурият қабул менамояд,аз ҷониби Аврупо баҳои баланд гирифтанд.

Дар рафти муҳокима масъалаҳои инкишофи роҳҳои нақлиётӣ низ баррасӣ шуданд. Ҳамчунин масъалаҳои ҳамкорӣ дар лоиҳаҳои барқарор намудани иқтисодиёти Афғонистон,аз ҷумла дар лоиҳаи иштироки Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар таъмири роҳҳо ва барқарор намудани иншооти обёрии ин кишвар муҳокима шуданд.

Ба масъалаи ҳамкории гумрукӣ дахл намуда, ҷониби Аврупо боз як бор тайёрии худро нисбати расонидани кӯмак ба инкишофи гумрук ва хизмати сарҳадии ҷумҳурият бо ба ҳисоб гирифтани талаботи дақиқи ҷониби Ўзбекистон зикр намуд.

Умуман ҷонибҳо зарурияти минбаъда мустаҳкам намудани гуфтушунидҳо ва таҳкими қарордодҳоро дар сатҳи экспертҳо барои таъминоти бештари талаботи ҷониби Ўзбекистон ва муайян намудани роҳҳои эҳтимолии ҳамкорӣ аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо эътироф намуданд.

**ОИ «Ҷаҳон».**

## Такмили малака дар Ҷопон

**ТОШКАНД. (Мухбири ЎзА Назокат УСМОНОВА).** Аз рӯи лоиҳаи «Рушди таълими касбӣ ва миёнаи махсус» як гурӯҳ омӯзгорони соҳаи таълими касбӣ ва миёнаи махсуси мамлакат дар Ҷопон малакаи худро такмил доданд.

31 январи соли 2001 бонки ҳамкории байналхалқии Ҷопон—JBIC барои тараққии соҳаи маориф ба мамлакати Ўзбекистон вом (қарз) ҷудо карда буд. Лоиҳае, ки онро аз ҳисоби вом бонки рушди Осиё ва JBIC бо маблағ таъмин намудаанд, дар назар дорад, ки коллеҷҳои касбӣ ва кишоварзиро бо техникаи муосир, дастгоҳҳои компютериву лабораторӣ ва китобу дастурҳои соҳавӣ таъмин созад.

Таҷҳизонидани коллеҷи кишоварзӣ дар шаш самт: агрономӣ, растанипарварӣ, чорводорӣ, байторӣ, истифодаи мошинҳои кишоварзӣ ва хизматрасонии техникӣ ба онҳо сурат мегирад. Роҳбарон ва омӯзгорони коллеҷҳои касбӣ малакаи худро аз рӯи истифодаи таҷҳизоти нав дар ташкилоти маъмурӣ ва минтақавии Миязаки, ки дар ҳудуди шаҳри Токио мавқеъ гузидааст, такмил доданд.

## Намоишгоҳи навбатии сайёҳӣ

***Нӯҳумин дафъа дар Тошканд намоишгоҳи байналхалқии «Сайёҳӣ ва саёҳат» баргузор гардид, ки созмондиҳандаи он ширкати махсуси АТЕ групп (Британияи Кабир) ва шарики ўзбекистонии он Итеса—Осиё мебошад.***

Дар намоишгоҳ аз 15 кишвари ҷаҳон 45 ширкати хурду бузург ширкат менамояд. Дар он бори якум намояндагони ширкатҳои сайёҳии Таиланд ва Аморати Муттаҳидаи Араб иштирок доранд.

Дар нишасти матбуотӣ муовини раиси Ширкати миллии «Ўзбектуризм» Азим Абдуллоев гуфт, ки намоишгоҳи мазкур яке аз тадбирҳои муҳими байналмилалӣ дар ин соҳа мебошад. Чунин тадбирҳо аз чӣ гуна имконот доштани кишварҳо ва ширкатҳои сайёҳӣ маълумот медиҳанд.

—Фаразан,—гуфт ӯ,—порсол ба Ўзбекистон 600 ҳазор сайёҳ омада буд. Имсол бошад, ин ба 800 ҳазор хоҳад расид, ки соли гузашта маҳз дар ин соҳа танҳо «Ўзбектуризм» 11 миллиард сӯм фоида ба даст овард. Бино ба гуфтаҳои Азим Абдуллоев дар маҷмӯъ аз соҳаи сайёҳӣ Ўзбекистон соли гузашта сад миллиард сӯм фоида ба даст овардааст.

Меҳмонхонаҳои пойтахт, ки чанде пеш аз дасти таъмир баромадаанд, ҳоло бо тамоми имконоти худ фаъолият надоранд. Ва дар назар аст, ки пас аз шаш соли истифода онҳо ба худкифоӣ мерасанд. Имрӯз дар соҳаи сайёҳӣ дар Ўзбекистон панҷ ҳазор нафар машғули кор мебошад. Дар айни вақт Анҷумани ширкатҳои хусусии сайёҳӣ созмон дода шудааст, ки 98 фоизи тамоми муассисаҳои соҳаро ташкил менамоянд. Ширкати миллии «Ўзбектуризм» чунин роҳро пеш гирифта, ба қарибӣ тамоми соҳаро ба дасти ширкатҳои хусусӣ хоҳад дод. Алҳол аз 500 ширкати хусусии ҷаҳонгардӣ танҳо 130-тоаш узви ин анҷуман мебошад.

Ин намоишгоҳи байналмилалӣ дирӯз кушода шуд ва то фардо дар ЎзЭкспоМарказ (дар павилони якум) кори худро идома медиҳад.

**Т.ИКРОМОВ.**

## Тилло чӣ тавр ба даст меояд?



*Николай Кучерский.*

Роҳи Тошканд-Навоӣ дар тӯли ҳафт соат тай шуд. Як гурӯҳ журналистони дохиливу хориҷӣ, ки барои ширкат дар таҷлили 45-солагии таъсиси корхонаи маъдани кӯҳии Навоӣ ба роҳ баромада буданд, дар тӯли ин сафар мавзӯъҳои мухталифро ба миён гузошта, дар атрофи он баҳсу мунозира мекарданд. Маълум шуд, ки як идда журналистони хориҷӣ аз тариқи роҳи Тошканд-Навоӣ сафареро анҷом надодаанд. Зеро ин роҳ ғайр аз васли вилоятҳои Тошканду Сирдарё, Ҷиззаху Самарқанд, Навоиву Бухоро ва Хоразм, ҳамчунин мусофиронро то Ҷумҳурии худмухтори Қароқалпоқистон бурда мерасонад. Аз ин рӯ сари роҳ бозори харбузаву тарбуз ва себу меваҷоти дигар, ки нарху навои он дар таносуби Тошканд хеле арзон буд, таваҷҷӯҳи онҳоро ба худ ҷалб мекард. Дар ҷараёни сафар ронандаи «минибус» низ маҷбур буд, ки чанд карат мошинашро таваққуф кунонад. Журналистон аз фурсат истифода карда, фавран фурӯшандаи меваҷотро халқавор мепечониданд ва аз меваҳои ширини вай харидорӣ менамуданд. Тавре ки дар боло ишора шуд, ҳарчанд роҳи панҷ-шашсоата дар ҳафт соат тай шуд, аммо саворони мошин чандон тӯлонӣ будани роҳро пай набурданд.

Ман аз он меболидам, ки меҳмонони кишварамро фаровонии меваву савзавот ва таому нони чойхонаву ошхонаҳои сари роҳ ба ҳайрат оварда буд. Зеро тақрибан дар ҳар қадам мошинҳои зиёд таваққуф намуда ва саворони он аз хӯрокҳои он шикамсерӣ тановул мекарданд ва сафари худро ба самти дилхоҳ идома медоданд.

Шаҳри Навоӣ меҳмононро хеле хуб пазироӣ намуд. Кӯчаву растаҳои он идона оро дода шуда буданд. Ба гуфтаи мизбонон ин шаҳр дар шафати шаҳри куҳани Кармана, ки дар таърихи мардуми машриқзамин машҳур аст, шаҳри нави бунёд карданд, ки номи адиб ва арбоби намоёни давлатӣ — Алишери Навоиро гирифт.

Бояд гуфт, ки корхонаи маъдани кӯҳии Навоӣ яке аз бузургтарин корхонаҳои саноатии Ўзбекистон ба шумор меравад, ки 45-солагии таъсисаш таҷлил меёфт. Дар маросими тантанавии идона, ки аввал дар шаҳри Навоӣ баргузор гардид, Нахуствазири Ўзбекистон Ўткир Султонов иштирок намуд. Вай меҳмонони зиёдеро, ки аз кишварҳои муштаракулманофеъ ва Аврупову Амрико омада буданд, хайра мақдам гуфт. Воқеан як гурӯҳ ветеранҳои меҳнат, ки дар ин корхона солҳои зиёд меҳнат кардаанд ва дар ҳамин ҳол дар як қатор шаҳрҳои Русия зиндагӣ мекунанд, ҳаёти худро ҳозир ҳам бе ин корхона тасаввур карда наметавонанд. Танҳо онҳо ба шаҳрҳое баргашта рафтаанд, ки қаблан он ҷо зиндагӣ мекарданд ва бо даъвати роҳбарияти корхонаи маъдани кӯҳии Навоӣ ба биёбони Қизилқум омада, дар пойдор ва рушду такомули он ҳиссаи беандоза гузоштаанд.

Ба гуфтаи директори корхонаи маъдани кӯҳии Навоӣ, Қаҳрамони Ўзбекистон Николай Иванович Кучерский ҳар як фарди меҳнатқарин дар рушди иқтисоди Ўзбекистон нақши калон бозидааст ва кори онҳоро имрӯз насли наврас идома медиҳад.

Дар ҷараёни маросими тантанавӣ беш аз 20 нафар бо мукофотҳои ҳукуматӣ тақдир карда шуданд.

Николай Кучерский афзуд, ки 10 академик ва доктори улум, ҳамчунин 17 номзади улуми техникӣ пайваста дар мавриди рушду такомули истихроҷи маъдан ба пажӯҳишҳои илмӣ машғуланд. Ба шаҳодати директори корхонаи маъдан бархе аз онҳо узви пайвастаи як қатор академияҳои улуми кишварҳои Аврупо ҳастанд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## Ғарави комёбӣ — дар меҳнат

**Вилояти Тошканд.(Мухбири ЎзА Н. ДУШАЕВ).** Мувофиқи Қарори Девони Вазирон дар вилояти Тошканд панҷ корхонаҳои соҳаи зироат, ки зараровар буданд, баста шуданд. Дар натиҷаи тадбири мазкур 209 хоҷагиҳои нави фермерӣ ба вуҷуд омаданд. Бо ҳамин шумораи хоҷагиҳои фермерӣ дар вилоят ба 6 ҳазору 700 расид.

Яке аз он—хоҷагии фермерии «Мирдавлат» аст, ки дар ноҳияи Ўртачирчиқ ҷой гирифтааст. Ин хоҷагӣ ҳанӯз 4 сол пеш аз ин аз ҷониби Миршокир Фозилов таъсис ёфта буд. Натиҷаҳо бад нестанд. Ҳосилнокии миёнаи ҳар як гектар замини ғалла киштгардида 35 сентнерӣ буд. Дар ихтиёри фермер 50 гектар замин қарор дорад. Соли ҷорӣ ҳосилнокии миёна ба 10 сентнер афзуд.

Фермер ҳамчунин бо пахтакорӣ ва сабзавоткорӣ ҳам машғул аст. Дар хоҷагии ӯ пилла низ парвариш мешавад.Соли гузашта фақат аз обчакорӣ 10 миллион сӯм фоидаи соф ба даст овард.

Алҳол дар саҳроҳои хоҷагии фермерӣ корҳо дар авҷанд. Ғунучини пахта бо суръатҳои баланд идома меёбад. Тавре ки фермер мегӯяд, онҳо як дақиқа ҳам вақти холӣ надоранд. Фермер пеш аз ҳама аз ҷамъоварии босуръати ҳосили бо арақи ҷабин рӯёндашуда манфиатдор аст.

—Мо аллакай ба чинаки дуюм даромадем. Ният дорем, ки аз ҳар гектар ба ҳисоби миёна 35 сентнерӣ ҳосил гирифта, хирмани 60 тоннагӣ барпо кунем,—мегӯяд ӯ. — Пахтакорони хоҷагӣ аз фурӯши пахта даромади калон гирифтаниანд. Бо қарори ҳукумат нархи хариди маҳсулоти хоме, ки аз нақша бештар аст, зиёд шуд, акнун 20 фоиз иловапулӣ дода мешавад. Дар чунин шароит бепарво нишастан душвор аст, аз имконияти мавҷуда босамар бояд истифода кунем— мегӯяд фермер.

Соли ҷорӣ дар ҳудуди вилоят 22,5 ҳазор гектар майдонҳои пахтаро фермерҳо кишт намудаанд. Онҳо ба давлат 58 ҳазор тонна маҳсулот хоҳанд супурд, ки ин 21 фоизи ҳосили умумии вилоят мебошад.

## Ғалабаҳои бузург дар «Олимпиадаи хурд»

***Душанбе. (Мухбири махсуси ЎзА Беҳбуд БОТИРОВ хабар медиҳад). Дар пойтахти Тоҷикистон 14-20 октябр бозиҳои панҷуми кишварҳои Осиёи Марказӣ баргузор шуданд. Дар мусобиқаҳо, ки бинобар талаботи Кумитаи Байналхалқии Олимпӣ гузаронида шуданд, варзишгарони кишвари мо соҳиби 98 медал гардиданд, ки 38- тои онҳо тилло, 39- тоашон нуқра ва 21-тоашон биринҷӣ буданд.***

Бозиҳои Осиёи Марказӣ, ки аз ҷониби мутахассисон ва мухлисон номи «Олимпиадаи хурд»-ро гирифт, бори аввал соли 1995 дар шаҳри Тошканд бо ташаббуси Президент Ислом Каримов ва пуштбонии Кумитаи Байналхалқии Олимпӣ баргузор шуда буданд.

Дар мусобиқаҳои Душанбе ҳамдиёрони мо собит намуданд, ки дар минтақа оид ба намудҳои гуногуни варзиш рақибонашон бо онҳо баробар шуда наметавонанд. Ғалабаҳои боксёрон, паҳлавонони гӯштини озод ва юнонию римӣ бахусус хушнудкунанда буданд. Мусобиқаҳои мазкур боз як бор собит намуданд, ки дар кишвари мо нисбати варзиш чӣ қадар эътибори бузург дода мешавад.

